*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 97 (4680) | ЧОРШАНБЕ, 2 АВГУСТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## НОМАИ ТАСАЛЛИЯТ

**31-уми июли соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Аморати Муттаҳидаи Араб муҳтарам Шайх Муҳаммад ибни Зоид Оли Наҳён номаи тасаллият ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

«Аълоҳазрат!

Хабари даргузашти бародаратон Шайх Саид ибни Зоид Оли Наҳён боиси ғояти ҳузну андуҳи мо гардид.

Вобаста ба ин талафоти гарон ба Шумо ва ҳамаи наздикону пайвандонатон таъзия ва тасаллияти сидқани ин ҷонибро иброз намуда, аз даргоҳи Худованди бузург бароятон сабри ҷамил хоҳонам. Парвардигор марҳуми олиқадрро шоистаи раҳмат ва ҷояшро ҷаннат гардонад.

Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун».



**31 - уми июли соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иртибот ба фавтидан ва ҷароҳат бардоштани шумораи зиёди шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Покистон бар асари амали террористии интиҳорӣ дар вилояти Хайбар-Пахтунхваи он кишвар ба Президент ва Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон муҳтарам Ориф Алвӣ ва муҳтарам Шаҳбоз Шариф номаи тасаллият ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

«Мо ин амалкарди золимонаи ғайриинсониро қотеона маҳкум карда, зарурати таъхирнопазири муборизаи беамони муштаракро алайҳи ҳама гуна зуҳуроти терроризм боз ҳам таъкид менамоем.

Ба Шумо, наздикону пайвандони фавтидагон ва тамоми мардуми бародари Покистон ҳамдардию тасаллияти самимии ин ҷонибро изҳор менамоем ва хоҳони шифои комили ҳамаи маҷруҳшудагон ҳастем».



**www.president.tj**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2-юми августи соли 2023, №355, ш. Душанбе**

**Дар бораи манъ намудани воридоти воситаҳои нақлиёти автомобилии соли бароришашон то соли 2013 ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мутобиқи моддаи 14 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Воридоти воситаҳои нақлиёти автомобилии соли бароришашон то соли 2013 (мавқеъҳои молии 8702, 8703, 8704 ва 8705 Номгӯи молии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон) манъ карда шавад.

2. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат, барасмиятдарории гумрукӣ ва бақайдгирии воситаҳои нақлиёти воридшавандаро мутобиқи қарори мазкур таъмин намояд.

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2018, №41 «Дар бораи манъ намудани воридоти воситаҳои нақлиёти автомобилии соли бароришашон то соли 2005 ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз эътибор соқит дониста шавад.

4. Қарори мазкур пас аз ду моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ШАРҲИ
### Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи манъ намудани воридоти воситаҳои нақлиёти автомобилии соли бароришашон то соли 2013 ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҷдиди парки нақлиётӣ, беҳтар гардидани сифати хизматрасонӣ, пешгирӣ намудани ҳолатҳои садамаҳои нақлиётӣ дар роҳҳо, ҳифзи муҳити зист ва коҳиш додани ҳаҷми партовҳо зарур шуморид, ки воридоти воситаҳои нақлиёти автомобилии соли бароришашон то соли 2013 ба ҳудуди ҷумҳурӣ манъ карда шавад.

Дар ин робита қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2023, №355 «Дар бораи манъ намудани воридоти воситаҳои нақлиёти автомобилии соли бароришашон то соли 2013 ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расид.

Муқаррароти Қарор нисбат ба автомобилҳои барои интиқоли мусофирон, автомобилҳои сабукрав, автомобилҳо барои интиқоли борҳо ва автомобилҳои таъиноти махсусдошта татбиқ мегардад.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди зиёди воситаҳои нақлиёти куҳна дар истифода қарор доранд, ки манбаи асосии партовҳои моддаҳои зарарнок ба ҳаво ба шумор мераванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қисми зиёди партовҳои моддаҳои зарарнок ба ҳаво асосан аз ҳисоби истифодаи нақлиёти автомобилии куҳна хориҷ мешавад. Инчунин, аксарияти садамаҳои нақлиётӣ тавассути нақлиёти автомобилии куҳна рӯй дода истодааст.

Бо дарназардошти маълумоти дарҷгардида, қабули санади мазкур муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

**www.president.tj**

## АТТЕСТАТСИЯ ДАР БДА

### ИН ВА ДИГАР МАСЪАЛАҲОИ МАРБУТ БА ФАЪОЛИЯТРО САРДОРИ РБДА, ГЕНЕРАЛ – МАЙОРИ МИЛИТСИЯ РУСТАМ МИРЗОМУРОДЗОДА ШАРҲУ ТАВЗЕҲ ДОД

**Тавре огоҳем, 12-уми июли соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як қатор воҳидҳои сохтории Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти кадрӣ ба амал оварданд. Аз ҷумла, мутобиқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Мирзомуродзода сардори Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардид.**



Сардори давлат зимни суҳбат бо ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти зикргардида фаъолияти соҳаро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ намуда, барои рафъи камбудиҳои ҷойдошта, пешгирии ҳама гуна қонунвайронкуниҳо ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳолатҳои зиёди қонуншиканӣ зимни идораи нақлиёт бо рақамҳои қалбакӣ, бе рақами қайди давлатӣ, итоат накардан ба талаботи қоидаи ҳаракат ва ёдовар шудан барои тоза намудани сафи ҳайати шахсии Бозрасии давлатии автомобилӣ супориш доданд, ки тамоми кормандони Бозрасии давлатии автомобилӣ аз аттестатсия гузаронида шаванд. Вобаста ба ин масъала 14-уми июли соли равон Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №398 ба тасвиб расид.

Дар оғози суҳбат аз сардори Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Мирзомуродзода дар бораи чораандешӣ вобаста ба супориши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пурсон шудем. Маълум гардид, ки вобаста ба ин масъала аз 25 - уми июли соли равон аттестатсияи кормандон дар Раёсати БДА шурӯъ шуд. Минбаъд он дар шаҳри Душанбе, ноҳияҳои тобеи марказ ва маркази вилоятҳо идома хоҳад ёфт. Бино ба гуфти ҳамсуҳбатам, тамоми кормандони БДА, пеш аз ҳама, бояд содиқу арҷгузор будани худро ба муқаддасоти миллӣ ба маъраз гузорад. Бо гуфтору рафтор ва кирдори хеш намунаи ибрат буда, қобилияти кор бо техникаю технологияи муосирро доро бошад.

Мо минбаъд тамоми кӯшишро ба харҷ хоҳем дод, ки зимни ба кор қабул кардан ба маҳорати касбӣ ва дониши мукаммали кадрҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир шавад. Боварии комил дорем, ки баъди гузаронидани аттестатсияи давлатӣ марҳилаи сифатан нави такомули ниҳод шурӯъ гардида, минбаъд обрӯи кормандони БДА дар ҷомеа баланд хоҳад шуд, - мутмаин аст номбурда.

- Азбаски аттестатсияи навбатӣ бо супориши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат мегирад, талабот бениҳоят ҷиддӣ буда, донишу малакаи касбии кормандон, донистани қарору қонунҳои амалкунандаи кишвар, огоҳии сиёсӣ, одоби муошират, садоқат ба арзишҳои миллию давлатӣ баҳогузорӣ хоҳад шуд. Мутаассифона, таҳлили рӯзҳои аввали аттестатсия аз он шаҳодат медиҳад, ки дар байни кормандони БДА ашхоси тасодуфӣ низ ҳастанд, - афзуд сардори БДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рустам Мирзомуродзода аз овардани далелҳои мушаххас оид ба натиҷаи рӯзҳои аввали аттестатсия худдорӣ намуда, гуфт, ки баъд аз анҷоми он маълумоти муфассал пешниҳод хоҳад шуд.

- Барои дар сатҳи баланд гузаронидани ин чорабинии муҳим комиссияи босалоҳият, ки аз кормандони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои дахлдор таркиб ёфтааст, таъсис дода шуд. Раёсати БДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, барои кормандони соҳа дар арафаи аттестатсияи давлатӣ китобчаи «Саволу ҷавоб барои аттестатсияи давлатӣ»-ро таҳия намуд, ки он фарогири саволу посуххои мушаххас, ки барои аттестатсия муфиданд, мебошад. Корманди БДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, бояд содиқу арҷгузор бу- кӯшиш ба он равона шудааст, ки он дар сатҳи хубу сифати баланд доир гардад.

**АТТЕСТАТСИЯ, ЯЪНЕ ЧӢ?**

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», аттестатсия - тартиби муайян намудани мувофиқати хизматчии давлатии маъмурӣ ба мансаби ишғолнамуда бо роҳи баҳодиҳӣ ба иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ, сатҳи дониш, малака ва тайёрии касбӣ тасниф шудааст. Дар моддаи 20-уми ин санади меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шудааст, ки «Аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ бо мақсади муайян кардани мувофиқат ба мансаби ишғолнамуда ва таъмини болоравии касбӣ, аттестатсияи хизматчии давлатии маъмурӣ (ба истисноси хизматчиёни давлатие, ки мансаби сиёсии хизмати давлатӣ ва мансаби маъмурии хизмати давлатии категорияи олиро ишғол мекунанд) гузаронида мешавад». Қобили зикр аст, ки тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмуриро Низомнома, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муайян менамояд.

**ҲАРАКАТ ДАР РОҲ. АЗ ҲУҚУҚ ТО УҲДАДОРӢ**

- Шоҳиди он будем, ки бар асари бенизомию нобасомониҳои солҳои 90 - уми асри XX кори нақлиёт, ҳолати роҳҳо, пулҳо ва иншооти дигар фалаҷ шуда буд.

Аксари инфрасохтори соҳаи нақлиёт корношоям гардида, роҳҳои асосии мошингард ҳолати харобу ҳузнангез доштанд. Ба хотири расидан ба ваҳдати миллӣ ва барқарорсозии иқтисоди кишвар, пеш аз ҳама, таъмини рафтуомад ва робита зарур буд. Ҳамон вақт Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо завқу идроки хоси сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ хеле дақиққорона ин вазъиятро эҳсос намуда, гуфта буданд: «Яке аз масъалаҳои мушкили Тоҷикистон роҳ, аниқтараш бероҳӣ, мебошад. Истиқлоли иқтисодиро бе бунёди роҳҳои мошингард, хусусан, роҳҳо ва пулҳое, ки Тоҷикистонро бо дигар мамлакатҳо мепайванданд, тасаввур кардан душвор аст». Биноан, Пешвои миллат аҳли кишварро бо азми қатъӣ ба сохтмону созандагӣ, эҳёи роҳу пулу иншооти инфрасохтори роҳдорӣ, ободонию бунёдкорӣ дар ҳама соҳаҳо, пеш аз ҳама, дар соҳаи роҳу нақлиёт даъват карда, Ҳукумати кишварро муваззаф намуданд, то барои бунёди инфрасохторе, ки Тоҷикистонро аз бунбасти коммуникатсионӣ мебарорад, тадбирҳои зарурӣ андешад, - гуфт Рустам Мирзомуродзода.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## БОҒШАҲРИ ДИЛКУШО

**Расо як аср қабл, пас аз барҳам хӯрдани Аморати Бухоро, зимни тақсимоти миллии марзӣ дар Осиёи Марказӣ бо кӯшишу заҳмат ва тақозои фарзандони фарзонаи миллат соли 1924 Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфта, собиқ деҳаи Душанбе пойтахти он эълон гардид. Ҳамон сол кӯчаи нахустин бо номи Советӣ (ҳоло ба номи Афсаҳзод) дар ҳудуди 3 километр таъсис ёфт.**

Минбаъд дар он биноҳои маъмурию фарҳангӣ қомат афрохта, ба маркази сиёсию иқтисодии тоҷикон табдил ёфт ва симои шаҳрро ба худ гирифт. Моҳи апрели соли 1927 Шӯрои Комиссарони Халқии ҶМШС Тоҷикистон «Дар бораи сохтмони шаҳри Душанбе» қарор қабул кард. Пас аз он, соли 1929 аз шаҳри Тирмизи Ӯзбекистон то ба пойтахти ҷумҳуриамон хатти роҳи оҳан кашида шуд, сохтмони иморатҳои хуштарҳ авҷ гирифт.

Соли 1930 нахустин корхонаи истеҳсоли хишт ба кор даромаду баъдан дар хиёбони марказӣ (ҳоло Рӯдакӣ) бинои Шӯрои Комиссарони халқӣ (собиқ Вазорати кишоварзӣ) ва бинои Комиссариати халқии заминкорӣ (алҳол бинои Вазорати адлияи ҷумҳурӣ) сохта шуданд.

Соли 1946 дар маркази шаҳр бинои Ҳукумати ҷумҳурӣ сохта шуд, ки алҳол дар он Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Ҳамин тавр дар замони шӯравӣ Душанбе аз як деҳаи хурди назарногир ба як шаҳри зебо табдил ёфт, ки шоири маъруфи тоҷик, шодравон Боқӣ Раҳимзода дар васфи он гуфта буд:

**Аҷаб шаҳри дилоройӣ, Душанбе,**
**Хаёлам зеби дунёӣ Душанбе.**

Шаҳри Душанбе дар даврони соҳибистиқлолӣ, алалхусус чанд соли охир симои хешро дигар кард. Бо таваҷҷуҳи доимӣ ва дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва заҳматҳои Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ пойтахти ҷумҳурии азизамон - шаҳри Душанбе торафт зебо шуда, дили сокинони мамлакат ва меҳмонони онро тасхир намудааст.

Алалхусус, иншооти хуштарҳи замонавӣ, боғу гулгаштҳои назаррабо, роҳҳои муосири сеқабата, фавввораю чароғҳои рангаю мунаққаш ва дигар навгониҳо ба он ҳусну таровати дигар зам намудаанд.



Моҳи августи соли 2011 дар шаҳри Душанбе Парчами баландтарини дунё дар пояи 165 метр партавафшон гашт.

Биноҳои муҳташами «Қасри миллат», Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллии Тоҷикистон, «Кохи Наврӯз», марказҳои савдои «Пойтахт-90», «Рӯдакӣ Плаза», бинои 22 - қабатаи «Душанбе - Плаза», биноҳои Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати молия ва ғайра бо тарҳи зебояшон на танҳо дар Осиёи Марказӣ, балки берун аз он ном баровардаанд. Чунончи, «Кохи Наврӯз» соли 2021 ба феҳристи «Ҳашт муъҷизаи Созмони ҳамкориҳои Шанхай» шомил гардид. Маҷмааи мазкур ба шакли тоҷ сохта шуда, он нишон аз тоҷдорӣ, сарбаландӣ ва соҳибдавлатии миллати тоҷик мебошад. Ин маҷмаа бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири эҳё ва рушди таъриху тамаддуни ғанӣ ва ҳунарҳои мардумии халқи тоҷик бунёд гардида, дар ҷаҳон назир надорад.

Обрӯю нуфузи шаҳри зебои Душанбе дар даврони соҳибистиқлолӣ хеле боло рафта, дар он як қатор чорабиниҳои бузурги минтақавию байналмилалӣ, аз ҷумла ҷамъомадҳои «CASA - 1000», мулоқоти сарони кишварҳои аъзои ИДМ, СҲШ ва конфронсҳои сатҳи ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои обу ҳифзи муҳити зист, мубориза бо терроризм ва дигар соҳаҳои марбут ба ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ баргузор гардиданд.

Моҳи сентябри соли 2004 бо қарори ЮНЕСКО ба шаҳри Душанбе ҷоизаи «Шаҳри Сулҳ» супорида шуд. Соли 2016 бошад, пойтахти мамлакат сазовори ҷоизаи «Шаҳри Сулҳ»-и Бунёди «Роҳи бузурги абрешим» гардид.

Соли 2017 шаҳри Душанбе дар маҷаллаи «The Telegraph »-и Британияи Кабир аз ҷумлаи 20 шаҳри тамошобоби қитъаи Осиё номбар гардид. Соли 2018 бино ба натиҷаҳои ҳамапурсии Агентии таҳлилии «ТурСтат»-и Россия шаҳри Душанберо ба қатори «10 шаҳри дар айёми баҳор барои сайёҳӣ муносиби ИДМ» шомил намуданд. Ҳамон сол пойтахти кишварамон ба узвияти Федератсияи умумиҷаҳонии шаҳрҳои туристӣ (WTCF) пазируфта шуд. Соли 2021 шаҳри Душанбе пойтахти фарҳангии ИДМ эълон гардид.

Бо мақсади боз ҳам сабзу хуррам гардонидани шаҳри Душанбе 23-юми сентябри соли 2020 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ даъват ба амал оварданд, ки дар мавсими ниҳолшинонӣ сокинон дар назди манзили зисташон як дарахти ҳамешасабз шинонида, онро парвариш намоянд.

Ин иқдоми Раиси шаҳри Душанбе ба «Шаҳри сабз» табдил додани пойтахт аз ҷониби аҳли ҷомеа ҳамовозӣ пайдо карда, то ин дам дар пойтахт корҳои ободонию созандагии зиёд анҷом пазируфт. Аз баракати ин ташаббус имрӯз Душанбе боғшаҳри дилкушоро мемонад. Ҳар яки моро зарур аст, ки ба қадри ин заҳматҳо расида, нисбат ба иншоотҳо, боғу гулгаштҳо, обу ҳаво, роҳ, нақлиёт ва дигар сарватҳои пойтахт дилсӯзона муносибат кунем. Дар баробари саҳм гузоштан дар сабзу хуррам ва тозаю озода нигоҳ доштани пойтахт, инчунин, рафтору гуфтор ва маданияти баланд нишон диҳем, то дар ин хонаи умеди тоҷикони ҷаҳон чароғи сидқу сафо доимо фурӯзон бошад.

**Музаффарҷон МАҲМУДЗОДА,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(Идома аз саҳ. 1)

Роҳбари давлат бо қатъият иброз дошта буданд, ки «ҳадафи асосии Ҳукумат бо бунёду сохтмон ва таҷдиди роҳҳо, туннелу пулҳо аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистон ва аз тариқи онҳо дар байни тамоми минтақаҳои мамлакат фароҳам овардани робитаҳои нақлиётӣ, инчунин ба як ҷаламрави воҳид табдил додани Ватани азизамон мебошад». Дар ин замина корҳои зиёд амалӣ гардида, на танҳо ҳаракати нақлиёти автомобилӣ дар тамоми фаслҳои сол байни манотиқи мамлакатамон таъмин гардид, инчунин аз тариқи ҷаламрави кишвари худ барои робитаҳои нақлиётии давлатҳои ҳамсоя ҷанубӣ ба шарқии Тоҷикистон бо дигар давлатҳо низ шароити мусоид фароҳам омад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо фармудаанд, ки «калимаи «роҳ» дар фарҳангҳои тафсирӣ ба маънои «ростӣ» низ меояд ва ибораҳои «роҳи рост» ва «роҳи сафед», ки асосан покиву накӯкорӣ ва дуои некро ифода месозанд, дар адабиёти фарҳангофарини тамаддунсози тоҷикон собиқаи чандинҳазорсола дорад. Бинобар ин роҳсозию роҳкушоӣ дар ҳама давру замон нишонаи рушди мамлакат, пайвандгари фарҳанг ва маданияти ҳамон насл ба ҳисоб меравад».

Масъалаи мазкурро шарҳ дода, ҳамсуҳбатам афзуд, ки ҳаракат дар роҳ маҷмӯи муносибатҳое мебошад, ки дар раванди ҳаракати одамон ва борҳо бо ёрии воситаҳои нақлиёт ё бе онҳо дар роҳҳои автомобилгард ба вуҷуд меояд. Тибқи талаботи қонунгузории кишвар, иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ шахсоне, ба ҳисоб мераванд, ки аз роҳҳои автомобилгард ва ҷойҳои дигар, ки барои аз як ҷо ба ҷои дигар расонидани мусофирон ва кашондани борҳо тавассути воситаҳои нақлиёт пешбинӣ шудаанд, истифода бурда, дар раванди ҳаракат ҳамчун ронанда, пиёдагард, мусофир, велосипедрон ва ғайра иштирок менамоянд. Хоса будани таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурӣ ва парлумони мамлакат дар ин зоҳир мегардад, ки тибқи муқаррароти қонунгузорӣ вазоратҳо, идораҳо ва иттиҳодияҳо дар доираи салоҳияти бехатарии ҳаракат дар роҳро таъмин менамоянд, барои иҷрои барномаҳои давлатӣ ва соҳавии бехатарии ҳаракат дар роҳ масъулият доранд, доир ба ҳаракат дар роҳ санадҳое мебароранд, ки хилофи қонунгузорӣ намебошанд, иҷрои тадбирҳои таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳро аз тарафи корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳое, ки ба ҳайати онҳо дохиланд, таъмин мекунанд.

- Иштирокчиёни ҳаракати роҳ вазифадоранд, ки талаботи қонунгузорӣ, қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва дигар санадҳои меъёриро оид ба масъалаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ, то ҷое ки бароияшон дахл дорад, донанд, барои ҳаракат дар роҳ шароити бехатар муҳайё кунанд, бо амалҳо ё беамалӣ ба дигар иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ зиён нарасонанд. Илова бар ин, қонун муқаррар кардааст, ки чунин ашхос товони зиёнеро, ки бо айби онҳо бинобар риоя накардани талаботи қонун дар бораи ҳаракат дар роҳ расонида шудааст, ҷуброн кунанд, амри мақомоти назорат ва бозрасии давлатиро оид ба риояи қонунгузорӣ дар бораи ҳаракат дар роҳ иҷро намоянд, - таъкид кард ҳамсуҳбатам.

**ЗИЁДШАВИИ НАҚЛИЁТ МАСЪУЛИЯТИ КОРМАНДОНИ БДА-РО АФЗУДААСТ**

# АТТЕСТАТСИЯ ДАР БДА

## ИН ВА ДИГАР МАСЪАЛАҲОИ МАРБУТ БА ФАЪОЛИЯТРО САРДОРИ РБДА, ГЕНЕРАЛ – МАЙОРИ МИЛИТСИЯ РУСТАМ МИРЗОМУРОДЗОДА ШАРҲУ ТАВЗЕҲ ДОД




Ба шарофати соҳибистиқлолии мамлакат ва аз бараками сиёсати хирадмандона ва бунёдкоронаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар беш аз пеш беҳбудӣ меёбад. Яке аз нишондиҳандаҳои некуаҳволии мардум қариб дар ҳар хонадон мавҷуд будани автомобилҳои гуногунтамға ба ҳисоб меравад, ки дар замони абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ на барои ҳама муяссар мешуд. Далелу арқоми мавҷуда шаҳодат медиҳад, ки он айём дар деҳаи калон, ки то 1000 нафар сокин дошт, ҳамагӣ 1-2 автомобил мавҷуд буду халос.

Дар раванди суҳбат иттилоъ гирифтам, ки ҳоло дар мамлакат теъдоди нақлиёти шахсӣ бесобиқа зиёд гардида, ин нишондиҳанда мунтазам рӯ ба афзоиш аст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастрасии кулли қишрҳои ҷомеа ба воситаҳои нақлиёт тамоми шароит, аз ҷумла заминаи қонуниро фароҳам овардааст ва маҳз ҳамин омил боиси тамоюли афзоишро касб намудани шумораи автомобилҳо дар кишвар гардид. Дар ҳоле ки аксари кишварҳо барои воридоти воситаҳои нақлиёт, вобаста ба соли истеҳсолашон, як силсила маҳдудият ҷорӣ намудаанд, Роҳбари хирадсолори давлатамон бо такя ба арзишҳои раиятпарварӣ ин пешниҳодро рад намуданд.

- Табиист, ки дар ин замина, яъне афзоиши бесобиқаи теъдоди воситаҳои нақлиёт, масъулият ва вазифаҳои кормандони Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии мамлакат зиёд гардида, аз онҳо тақозо мешавад, ки фаъолияташонро дар сатҳи хуб, сифати баланд ва ҷавобгӯйи талаботи ҷаҳони муосир роҳандозӣ намоянд,- таъкид намуд генерал – майори милитсия Рустам Мирзомуродзода.

Ташкили низоми мутамарказ бо истифода аз технологияҳои ҷадиди соҳа, бунёди равзана ва утоқҳои алоҳида барои сари вақт хизмат расонидан ба шаҳрвандон, мавриди истифода қарор гирифтани марказҳои инноватсионии омӯзиш ва имтиҳонҳои ронандагӣ, марҳилаи якуми Лоиҳаи инноватсионии «Шаҳри бехатар», сода гардидани раванди бақайдгирии воситаҳои нақлиёт ва ғайра аз ҷумлаи навгониҳои соҳа мебошанд. Ҳоло дар ҷумҳурӣ ҳафт Пойгоҳи инноватсионии ронандагӣ (автодром) фаъолият доранд. Дар ин муассисаҳо омӯзиш ва имтиҳоноти назариявию амалии ронандагӣ мутобиқ бо стандартҳои ҷаҳонӣ ва роҳ монда мешавад. Тамоми дарсҳо, имтиҳонҳои назариявӣ ва ҳар ду марҳилаи санҷиши амалии маҳорати ронандагӣ, яъне ҳам дар майдони таълимӣ ва ҳам дар роҳҳои шаҳрӣ таҳти назорати камераҳои мушоҳидавӣ ва дигар воситаҳои электронии пайваст бо шабакаи ягонаи мутамарказ ҷараён мегирад ва касе ба ин раванд дахолат карда наметавонад. Имтиёзҳо барои супоридани ҳар як банду саволи имтиҳонҳои назариявию амалӣ ва ҳам баҳои умумии довталаб аз ҷониби барномаи махсуси компютерӣ гузошта мешавад. Дар сурати зиёд шудани иштибоҳ дар ҷараёни имтиҳон компютер ба таври автоматӣ хабар медиҳад, ки довталаб аз санҷиш нагузашт.

Ҷоиз ба зикр аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ин ташаббус қаноатмандӣ карда, таъкид намуданд, ки «барои кам кардани шумораи қоидавайронкунию, садамаҳои нохуши нақлиётӣ, кӯшиш додани ҳолатҳои фавтидану осеббардории шаҳрвандон ва дар маҷмӯъ баланд бардоштани маданияти ронандагон дар роҳҳо аз тамоми имкониятҳои мавҷуда босамар истифода бояд бурд».

- Дар маҷмӯъ, азми мо қавӣ ва ниятамон нек буда, бо сармашқи кор қарор додани дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кӯшиш менамоем, ки камбудиҳо бетаъхир бартараф гардида, фаъолият беҳбуд ёбад,- гуфт дар фарҷоми суҳбат Рустам Мирзомуродзода.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# АСРИ ЭНЕРГИЯ

**Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 23-юми декабри соли 2022 вобаста ба истифодаи неруи барқ чунин қайд шудааст: «Тоҷикистон яке аз давлатҳои дорои захираҳои бузурги истеҳсоли неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза мебошад. Чунонки борҳо таъкид кардаам, ҳоло 98 фоизи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешавад ва аз рӯи ин нишондиҳанда, яъне фоизи истеҳсоли «энергияи сабз», кишвари мо дар ҷаҳон ҷои шашумро ишғол менамояд. Аз рӯи кам будани ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ низ Тоҷикистон дар яке аз ҷойҳои баландтарин қарор дорад.**

**Дар сурати истифодаи неруи барқи «тоза»-и дар кишвар истеҳсолшаванда дар воситаҳои нақлиёти барқӣ метавон талаботи мамлакатро аз маҳсулоти нефтӣ коҳиш дода, ба ин васила, ба ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат мусоидат намуд».**

Олими ҷавон, ходими илмии Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муаллифи китоби «Усулҳои тавлид, интиқол, истифода ва сарфаи энергияи электрикӣ» Наримон Юсуфбеков асри XXI-ро асри энергия мегӯяд. Зимни суҳбат андешаашро шарҳ дода, соли 2022-юм 3,2 миллиард сомонӣ равона карда шуд ва алҳол ду агрегати он мавриди истифода қарор гирифтааст.

Неругоҳи барқи обии «Норак» яке аз манбаъҳои асосии тавлиди барқи мамлакат аст, ки беш аз ним аср фаъолият мекунад. Яке аз агрегатҳои ин иншооти азим баъди таҷдиду тармим бо харҷи беш аз 800 миллион сомонӣ бо тавоноии 375 мегоaccept моҳи октябри соли 2022 мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Ин нукта дар Паёми Президенти мамлакат ҷой дошта, ҳамчунин иттилоъ дода шудааст, ки бо пурра ба анҷом расидани корҳои таҷдиду азнавсозӣ ва муҷаҳҳазгардонӣ бо таҷҳизоту технологияҳои муосир ба Неругоҳи барқи обии «Норак» умри дубора бахшида, иқтидори кории он иловатан 775 мегаватт зиёд мегардад. Дар ҷумҳурӣ бо мақсади расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самараноки неруи барқ корҳои шоиста идома доранд ва ҳоло дар соҳа боз 20 лоиҳа ба маблағи 17 миллиард сомонӣ татбиқ мегардад. Тавре дар Паёми Президент иттилоъ дода шудааст, таҷдиди неругоҳҳои барқи обии «Норак» ба маблағи 7 миллиард сомонӣ ва «Қайроққум» ба маблағи 2 миллиард сомонӣ, инчунин, сохтмони Неругоҳи барқи обии «Себзор» ба маблағи 612 миллион сомонӣ дар ноҳияи Рошт-қалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва неругоҳҳои бодию офтобӣ дар ноҳияи Мурғоб ба маблағи умумии 170 миллион сомонӣ бомаром идома дорад. Бо




аз ҷумла гуфт: «Асри навро ҳар гуна номгузорӣ мекунанд – ҳам асри ядроӣ, ҳам кайҳонӣ ва ҳам иттилоотӣ - компютерӣ, аммо аз нигоҳи имрӯз шояд мафҳуми «асри энергия» дурусттар бошад. Имрӯз хонаҳо пур аз асбобҳои электрикӣ, ба мисли дарзмол, чангкашак, мошинаҳои ҷомашӯӣ, оинаи нилгун, компютер ва ғайра мебошад. Дар кӯчаҳо трамвай ва тролейбусҳо, дар роҳҳои оҳан қатораҳо бо энергияи электрикӣ ҳаракат мекунанд. Автомобилҳои сабукрави барқӣ низ ба зиндагиамон ворид шуд. Тибқи иттилои Вазорати нақлиёти Тоҷикистон аз соли 2021 то имрӯз ба ҷумҳурӣ 1,4 ҳазор электромобил ворид шудааст, ки намунаи онро дар кӯчаҳои шаҳри Душанбе ва дигар шаҳрҳои кишвар дидан мумкин аст».

Наримон Юсуфбеков иброз дошт, ки имрӯз барои тавлиди энергияи барқӣ аз воситаҳои гуногун истифода мешавад, яъне дар табиат манбаъҳои истеҳсоли неруи барқ - неругоҳҳои обӣ, бодӣ, офтобӣ, атомӣ, ҳидрогенӣ зиёданд. Дар кишварҳои гуногуни дунё вобаста ба мавқеи ҷойгиршавиашон чунин неругоҳҳоро месозанд. Тоҷикистон дар ин маврид имконоти зиёд дорад. Худованд ба мо обу дарёҳои зиёде ато кардааст, ки онҳо манбаи бузурги истеҳсоли неруи барқи арзон мебошанд.

Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти захираҳои гидроэнергетикӣ рушди ин соҳаи ҳаётан муҳимро ба роҳ монда, расидан ба истиқлолияти энергетикиро яке аз ҳадафҳои асосии рушди кишвар қарор додааст. Дар кишвар неругоҳҳои нави барқи обӣ бунёд ёфта, неругоҳҳои мавҷуда тармиму таъмир мешаванд. Имрӯз иншооти бузурги аср - Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба майдони нангу номус табдил ёфтааст. Бо ташаббус ва дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохтмони ин неругоҳи азим бомаром идома ёфта, бо ин мақсад дар пурра ба анҷом расидани корҳои таҷдиду азнавсозӣ ва муҷаҳҳазгардонӣ бо таҷҳизоту технологияҳои муосир иқтидори кории Неругоҳи барқи обии «Норак» 775 мегаватт зиёд мегардад. Инчунин, корҳои сохтмонӣ дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» бомаром пеш рафта истодаанд.

Солҳои охир дар баъзе корхонаю муассисаҳо, ширкатҳо ба талафоти техникии барқ роҳ медиҳанд, ки ин ба вазъи молиявии онҳо таъсири манфӣ расонида истодааст. Ҳамсуҳбати мо дар мавриди истифодаи сарфакоронаи неруи барқ дар зиндагӣ андешаҳои ҷолиб баён кард:

- Сарфаи энергияи электрикӣ маънои маҳдуд кардани истеъмоли онро надорад. Ба хотири сарфа набояд чойро ноҷӯшида нӯшид, ғизои нопухта хӯрд ва ё дар торикӣ бо зинапояҳо ба ошёнаҳои боло баромад, вале одам бояд неруи барқро ба қадри зарурат сарфа кунад. Масалан, инсони сарфакор вақте чойро меҷӯшонад, ки он воқеан зарур аст, ҳамон қадар обро ҷӯшонад, ки талаботро қонеъ кунад. Имрӯз аз воситаҳои электрикии фаровон истифода мебарем, аммо дар лаҳзаҳои нодаркор будан хомӯш кардани онҳоро фаромӯш мекунем. Бояд ҳушдор дод, ки асбобҳои электрикӣ дар реҷаи интизорӣ ҳам энергия истеъмол мекунанд. Набояд тамоми рӯз копютерро дар ҳолати корӣ нигоҳ дошт. Хуб мебуд ҳангоми танаффус ва ё дамгирӣ онро хомӯш намоем. Таҷҳизоти иловагӣ, ба монанди принтер ва сканнерро ба шабака танҳо ҳангоми зарурат пайваст кардан мебояд.

Воқеан, мо баъзан ба ин амалҳо диққат намедиҳем, ҳол он ки ҳар нафар дар истифодаи сарватҳои барои зиндагиамон зарурӣ, ба монанди об, неруи барқ, агар сарфакор бошад, манфиату баҳрабардорӣ боз ҳамон қадар зиёд мешавад.

**Б. КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

**Бетафовутӣ ба ёдгориҳои таърихӣ омили аз байн рафтани саҳифаҳои зиёди таърихи миллат мегардад. Чунин масъала дар ноҳияҳои водии Рашт ба чашм мерасад.**

Бо ин сабаб садҳо ёдгории арзишманди ниёкон, ки дар кушодани муаммоҳои зиёди таърихӣ кумак расонида метавонистанд, аз байн рафтанд. Аз кормандони Хоҷагии давлатии Ҳоит, ки дар сохтмони фермаи чорвои калон дар деҳаи Ҳисорак ширкат варзида буданд, шунидам, ки ҳангоми ҳамвор кардани мавзеи «Қӯрғано» чандин нишон аз қалъа пайдо шуд. Собиқ сармуҳандиси хоҷагӣ Раҳимҷон Маҳмадҷонов гуфт, ки дар як гӯша ҷасади одамон аз таги хок берун баромад, ки ба тарзи аҷиб рӯи ҳам дафн шуда буданд. Сарчашмаҳои

# РАШТ: ОСОРХОНА КАЙ СОҲИБИ БИНО МЕГАРДАД?

таърихӣ гувоҳанд, ки ин қалъа ҳамон қалъаи Дижрошти замоне ободу маъруф аст, ки садсолаҳо маркази шоҳигарии кишвари Рошт будааст.

Дар замони соҳибистиқлолӣ муносибат ба мероси ниёгонамон хуб шуд. Бо талошу дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳқиқу ташвиқи арзишҳои таърихию фарҳангии миллати тоҷик вусъат гирифта, барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстию хештаншиносии сокинони мамлакат, бахусус наврасону ҷавонон, корҳои бузург сомон ёфт.

Ҳоло бозёфтҳои нодири таърихие, ки аз ҷониби сокинони ҷумҳурӣ ва бостоншиносон ёфт мешаванд, дар осорхонаҳо нигоҳдорию тарғиб мегарданд.

Дар ноҳия бо талошҳои зиёд ёдгориҳои бостонии Қалъаҳои Шоҳон, Бобурхон, Духтарқалъа, Бачақалъа, Қалъаи Калон, Ялдамич, Ҳусейн, Шул, Димнаи Сар, Сангин, Ҳисорак, Качамандӣ, Бини Сафиён, Япалоқӣ, Турсун, Дидбонгоҳи Даҳана, Бошишгоҳи Гӯри Қазоқон, ёдгориҳои меъмории оромгоҳи Ҳазрати Хоҷа Абдуллоҳи Валӣ, мақбараҳои Хоҷаи Сабзпӯш, Хоҷа Машъала, Хуҷумбори Валӣ ва ёдгориҳои монументалии муҷассамаи Модари Ҳоит ба Феҳристи ёдгориҳои таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардидаанд. Инчунин, рӯйхати 12 ёдгории таърихӣ, чор ёдгории монументалӣ, ёдгории меъморӣ ва оромгоҳи 48 шахсияти барҷастаи замони гузашта барои ворид шудан ба Феҳристи ёдгориҳои таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

Бо вуҷуди ин, дар самти ҳифзи мероси ниёгон ва фаъолияти осорхона нуқсон ба назар мерасад. Тавре директори Осорхонаи бахши фарҳанги ноҳия Ҳабибулло Олимов гуфт: «Осорхонаи таъриху кишваршиносии ноҳияи Рашт дар ҳуҷраи кории бахши фарҳанг ҷойгир буда, дар он 520 нигора аз асрҳои пеш аз мелод то ба имрӯз нигоҳдорӣ мешаванд. Тибқи «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», дар маркази ноҳия сохтмони бинои нави осорхона ба нақша гирифта шуд, аммо он то ба имрӯз сохта нашудааст.

Бо талоши Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт дар шафати бинои Кохи фарҳанги шаҳраки Ғарм замин ҷудо гардида, корҳои ҳуҷҷатгузорӣ қисман ба тартиб дароварда шуд.

Бахши фарҳанги ноҳия барои иҷрои «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2021-2025» бо қарори раиси ноҳия «Барномаи ноҳиявии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2021-2025»-ро омода намуд. Умед дорем бо пурра амалӣ гаштани барномаи навбатӣ, ки ба ҳифзу муаррифии бештари ёдгориҳои таърихӣ нигаронида шудааст, Осорхонаи таъриху кишваршиносии ноҳияи Рашт соҳиби бино мегардад.

**Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**

# ВОСЕЪ: ФАЪОЛИЯТИ СУДМАНДИ СЕ КОРХОНА

**Мудири бахши рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Восеъ Аминҷони Амирхон иброз намуд, ки дар шаш моҳи аввали соли 2023 корхонаҳои саноатии ноҳия ба маблағи 66 миллиону 115,2 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд.**

Бо мақсади аз наздик ошноӣ пайдо намудан ва боварӣ ҳосил кардан ба маълумоти пешниҳодшуда аз се корхонаи ноҳия, аз ҷумла ҶСК «Хоҷамуъмин» дар ҳамбастагӣ бо Корхонаи истеҳсоли моеи зарфшӯӣ, Корхонаи истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ - шифер ва як коргоҳи хурди омодакунии мизу курсиҳои оҳанин дидан намудем.

маҳаллӣ бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин буда, бештари кормандонро занон ташкил медиҳанд.

Ҳамчунин, иттилоъ дода шуд, ки маҳсулоти истеҳсолкардаи корхона ба хориҷи мамлакат низ содирот мегардад. Яке аз коргарзанони фаъоли ин корхона, ки худро З. Сафарова, муаррифӣ кард, гуфт: «Шукргузорӣ аз даврони соҳибистиқлолии мамлакат ва Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мекунем, ки чунин корхонаи нави муосирро дар як деҳаи дурдасттарини ноҳия ба истифода доданд. Мо занҳои хонашин аз ин иқдоми Пешвои миллат хушнуду масрур шуда, бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардидем, ки боиси хушҳолӣ аст».




Сараввал бо вазъи фаъолияти Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Хоҷамуъмин» ошно гардидам. Ҳангоми боздид даҳҳо нафар занони маҳаллӣ ва ҷавононро саргарми кор дидем. Маълум гардид, ки ҶСК «Хоҷамуъмин» дар ҳамбастагӣ бо Корхонаи истеҳсоли моеи зарфшӯӣ ягона корхонаи саноатии фаъоли ноҳияи Восеъ ба ҳисоб меравад. Корхонаи мазкур аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ сохта шуда, он моҳи сентябри соли 2020 бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди истифода қарор дода шудааст.

Муҳсинҷон Файзов, роҳбари сехи хокаи ҷомашӯии ҶСК «Хоҷамуъмин» дар суҳбат изҳор дошт, ки корхона аз ду сехи васеъ иборат буда, дар он истеҳсоли маҳсулоти хокаи ҷомашӯӣ ва намаки йодкардашудаи аз ҷиҳати экологӣ тоза ба роҳ монда шудааст. Инчунин, гуфта шуд, ки дар коргоҳи истеҳсоли хокаи ҷомашӯӣ бо номи «SOFIYA» аз рӯи 15 номгӯй маҳсулоти ҷомашӯӣ истеҳсол мекунанд. Маҳсулоти корхона дар тамоми нуқтаҳои савдо ва бозору марказҳои хизматрасонии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ харидори худро дошта, бо соҳибкорону тоҷирон шартномаи тарафайн доранд. Айни замон дар корхона 40 сокини

Коргоҳи хурди истеҳсоли мизу курсии оҳанин дар маркази ноҳияи Восеъ воқеъ буда, он соли 2021 ба кор оғоз кардааст. Мизу курсиҳое, ки дар ин коргоҳи хурд омода карда мешаванд, дар вилояту ҷумҳурӣ назир надорад. Таассуфовар ин аст, ки соҳибкори коргоҳ фаъолияташро дар бинои иҷора пеш бурда, моҳе 1500 сомонӣ пули иҷора месупорад, аммо соҳибмулки бино гуфтааст, ки истеҳсолотчиён дар фурсати кӯтоҳ ҷойро холӣ кунанд. Бояд дар ин самт Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия барои фаъолияти минбаъдаи соҳибкор чораандешӣ намояд. Соҳибкор омода аст, ки фаъолияти коргоҳашро васеъ карда, боз чанд нафар ҷавони маҳаллиро бо ҷойи кор таъмин созад.

Тибқи маълумоти дастрасгардида аз шумораи 40 корхонаи саноатии ноҳия дар ин давра 10 корхона - ҶДММ «Алишер АСК», ҶДММ «Аминҷон - 2012», ҶДММ «Бозори Ҳулбук», ҶДММ «Маҳмадрасул», ҶДММ «Саричашма ЭМТ», ҶДММ «Сунатуллои Шуҳрат», ҶДММ «Чорёр - 91», ҶДММ «Яхсу - 2015», ҶСК «Обсохтмон» ва ҶСП «Сафари Қурбон» бинобар сабаби мавсимӣ буданашон фаъолият накарданд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

**Бо дастгириҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар марказ ва деҳоти ноҳияи Ванҷ ба истиқболи Ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои ободонӣ ва созандагӣ бомаром идома доранд.**

Зикр бояд намуд, ки бунёди иншооти ҳозиразамони самтҳои саноатӣ

# ВУСЪАТИ КОРҲОИ ОБОДОНӢ ВА БУНЁДКОРӢ ДАР ВАНҶ

ва иҷтимоӣ, пеш аз ҳама мумфаршу чароғон, гулпӯшу сабзпӯш сохтани роҳҳо ва майдонҳои шаҳраки Рохарв мебошанд. Ҳамзамон, аз миён бардоштани биноҳои кӯҳнаю фарсудаи солҳои панҷоҳуму шастуми асри гузашта сохташуда аз рӯи нақшаи генералии тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Дар маҷмӯъ, дар ноҳияи Ванҷ бештар аз 100 иншоот сохта, ба истифода дода мешавад.

Ҳамчунин, бо тавсияҳои Пешвои миллат оид ба рушди соҳаи кишоварзӣ - равнақ додани ғаллакорӣ, картошкаю сабзавотпарварӣ, боғдорӣ, ба гардиши кишоварзӣ ворид кардани майдонҳои бекорхобида, инчунин бунёди анборҳои махсус ва сардхонаҳо барои нигоҳдории себу нок, туту зардолу, чормағз, васеъ кардани боғҳо то домони пиряхҳои Федченкою Хирсон, деҳоти Ванҷи боло ва Язгулом ҳоло бомаром идома дорад.

**Пайшамбӣ ШОҲЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# ТАЪМИРИ МУАССИСАҲОИ ИҶТИМОӢ ИДОМА ДОРАД



**Дар доираи татбиқи лоиҳаи «Инкишофи барвақтии кӯдакон барои густариши сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шаҳри Ҳисор таъмиру тармими иншоот идома дорад.**

Ҳоло дар шаҳри Ҳисор 7 муассисаи томактабии давлатӣ ва 5 муассисаи томактабии хусусӣ фаъолият доранд. Айни замон дар кӯдакистони «Офтобак» ва «Лола» - и шаҳри Ҳисор таъмир пурра ба охир расида, санади қабули иншоот ба масъулини татбиқи лоиҳа пешниҳод шудааст.

Таъмири муассисаҳои тандурустӣ аз самтҳои дигари лоиҳа ба ҳисоб меравад. Дар зертобеи муассисаи Маркази саломатии шаҳри Ҳисор 35 маркази саломатӣ, 42 бунгоҳ ва 4 нуқтаи тиббӣ мавҷуд мебошанд. Дар доираи лоиҳаи зикршуда15 марказ баъд аз таъмир ба фаъолият оғоз намуданд.



**Саидо НАЗАРОВ,**
**«Садои мардум»**



# АЗ НИШАСТҲОИ МАТБУОТӢ

## ҚУРБОН ҲАКИМЗОДА: «СОДИРОТИ ПИЁЗ КОҲИШ ЁФТ»

**- Дар нимсолаи аввали соли равон аз ҷумҳурӣ ба дигар кишварҳо 103 тонна маҳсулоти кишоварзӣ ба маблағи 24,1 миллион доллари амрикоӣ содирот шуд, - гуфт вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбон Ҳакимзода 31-уми июли соли ҷорӣ зимни нишасти матбуотӣ.**



Номбурда афзуд, ки дар соли 2023 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта содироти пиёз 19,6 фоиз коҳиш ёфт, вале содироти полезиҳо - 47,2, хушкмева - 26,5 ва меваҷот 51,2 фоиз афзудааст.

Зикр гардид, ки мувофиқи маълумоти оморӣ дар шаш моҳи аввали соли 2023 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 18658,7 миллион сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7,9 фоиз зиёд аст.

Гуфта шуд, ки дар ин давра маҳсулоти растанипарварӣ 13224,3 миллион сомонӣ ё 110,4 фоиз ва чорвопарварӣ 5434,4 миллион сомонӣ ё 102,4 фоизро ташкил дод.

Дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонӣ 55,7 ва бахши аҳолӣ 44,3 фоизро ташкил медиҳад. Инчунин, дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи маҳсулоти растанипарварӣ ба 70,9 фоиз ва чорвопарварӣ ба 29,1 фоиз баробар гардид.

Ҳамчунин, илова шуд, ки суръати рушди ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар муқоиса ба нишондиҳандаи суръати рушди ҳамин давраи соли гузашта 0,7 банди фоиз афзоиш ёфтааст.

**Ҳ. ТОҲИРӢ,**
**«Садои мардум»**

## ОФАТҲОИ ТАБИӢ БА РОҲҲО НИЗ ЗАРАР РАСОНИД

**- Нақлиёти автомобилӣ бо назардошти кӯҳсор будани кишвар мавқеи хоса дошта, беш аз 94 фоиз бор ва 97,2 фоиз мусофир бо ин намуди нақлиёт интиқол дода мешавад, - гуфт 28-уми июли соли равон зимни нишасти матбуотӣ вазири нақлиёти ҷумҳурӣ Азим Иброҳим.**



Хизматрасониҳои нақлиёти автомобилӣ тавассути 2020 субъекти хоҷагидор, аз ҷумла 227 корхонаи автомобилӣ (78 боркаш, 83-мусофиркаш ва 66 - омехта, боркашу мусофирбар), 44 терминали мусофирбарӣ, 7 терминали боркашонӣ, 1668 нуқтаи хизматрасонии техникӣ ва таъмири нақлиёт ва 74 қароргоҳи нақлиёти автомобилӣ, инчунин 945 хатсайри мусофирбарӣ (182 шаҳрӣ, 614 наздишаҳрӣ, 136 байнишаҳрӣ ва 13 байналмилалӣ) ба қайд гирифта шудаанд.

Дар ин давра корҳои нигоҳдории роҳҳо аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ ба маблағи 40,7 млн. сомонӣ ва аз буҷетҳои маҳаллӣ 6,2 млн. сомонӣ корҳои таъмиру нигоҳдорӣ иҷро гардидаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 аз буҷети ҷумҳуриявӣ 128,5 фоиз ва буҷетҳои маҳаллӣ 153,2 фоизро ташкил дод.

Иттилоъ дода шуд, ки аз тарафи соҳибкорони ватанӣ ва аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳо ба маблағи 47,3 млн. сомонӣ корҳои таъмиру барқарорсозии роҳҳои автомобилгард ва иншооти он иҷро гардидаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,7 маротиба зиёд мебошад.

Тайи нимсолаи якуми соли 2023 офатҳои табиӣ дар ҷумҳурӣ ба 303,4 км роҳ ба маблағи умумии 1 млн.166,8 ҳазор сомонӣ зарар расонида, аз он 188,20 км роҳ ба маблағи 668,8 ҳазор сомонӣ аз ҷониби муассисаҳои давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳру ноҳияҳои вазорат барқарор гардид,-иброз намуд Азим Иброҳим.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА,**
**«Садои мардум»**

## АФЗОИШИ ТЕЪДОДИ ЗАНОНУ ҶАВОНОН ДАР ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

**- Ҳангоми санҷишҳо ҳолати риоя нашудани талаботи қонунгузории хизмати давлатӣ зимни татбиқи технологияҳои кадрӣ, аз ҷумла ҳангоми интихоби ҳайати роҳбарикунандаи Ҷамоатҳо, таҳия, тасдиқ ва истифодаи дастуруамалҳои мансабӣ, риояи талаботи тахассусӣ ва Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, пешбурди парвандаҳои шахсии хизматчиёни давлатӣ ҷой доранд, - иброз дошт 27-уми июли соли равон зимни нишасти матбуотӣ директори Агентии хизмати давлатӣ Ҷумъа Давлатов.**



Номбурда афзуд, ки дар нимсолаи якуми соли равон аз ҷониби агентӣ мувофиқи қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории хизмати давлатӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми декабри соли 2008 таҳти №578 тасдиқ шудааст, рафти иҷрои қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ дар Ҷамоати шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳои Рӯшон, Мурғоб, Панҷакент, Зафаробод, Кӯҳистони Мастчоҳ, Норак, Данғара, Левакант, Ҷалолиддини Балхӣ, Кӯшониён, Ховалинг, Балҷувон, Темурмалик, Шамсиддини Шоҳин ва Муъминобод мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Дастурамали талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аксар Ҷамоати шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳои санҷидашуда риоя нашуда, бархе аз хизматчиёни давлатии аксар Ҷамоати шаҳраку деҳоти мазкур ба талаботи тахассусӣ аз рӯи ихтисос ва сатҳи таҳсилот ҷавобгӯ намебошанд.

То 1-уми июли соли ҷорӣ шумораи хизматчиёни давлатии амалкунанда 18 ҳазору 430 нафар ва синни миёнаи онҳо 37-соларо ташкил медиҳад.

Занон дар хизмати давлатии шаҳрвандӣ 4556 нафар ё 24,7 фоизро ташкил дода, аз 5937 нафар ишғолкунандагони мансабҳои роҳбарикунанда 1143 нафар ё 19,2 фоиз занони роҳбар мебошанд. Теъдоди умумии занон нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 118 нафар афзоиш ёфта, дар мансабҳои роҳбарикунанда теъдоди занони роҳбар нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 49 нафар зиёд шуд.

Теъдоди ҷавонони то 35-сола 8996 нафар (48,8 фоиз)-ро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 99 нафар зиёд мебошад. Дар мансабҳои роҳбарикунанда теъдоди ҷавонони то 35-сола 1628 нафар (27,4 фоиз) буда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 88 нафар зиёд шудааст.

**Ҳ. ТОҲИРӢ,**
**«Садои мардум»**

## МУШТАРИЁНИ УМУМИИ АЛОҚАИ МОБИЛӢ 8,3 МИЛЛИОН НАФАРАНД

**28-уми июли соли равон муовини раиси Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Илҳомҷон Атоев зимни нишасти матбуотӣ иброз намуд, ки мутобиқи нишондодҳои асосии иқтисодии корхонаҳои зерсохтори Хадамоти алоқа якҷоя бо операторон ва провайдерони хусусӣ дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ аз рӯи ҳисоботи пешакӣ даромади умумии корхонаҳои соҳаи алоқа 1 миллиарду 900 миллиону 982 ҳазор сомониро ташкил дод.**



Ҳаҷми хизматрасонии алоқа ба аҳолӣ ба 1 миллиарду 590 миллиону 750 ҳазор сомонӣ расид. Миқдори муштариёни имтиёздор дар шабакаи телефонии ҶСК «Тоҷиктелеком», маъюбони гурӯҳҳои 1 ва 2-юм - 7476 нафар мебошанд. Мувофиқи маълумоти пешакӣ даромади иҷозатномадорон дар соҳаи алоқаи барқӣ дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ 1 миллиарду 155 миллиону 884 ҳазору 419 сомниро ташкил намуда, андоз аз он 28 миллиону 897 ҳазору 110 сомониро ташкил менамояд. Дар ин давра ба маблағи 10 миллион сомонӣ аз ҳисоби рақамҳои алоқаи барқӣ ба операторон ва истифодабарандагони хизмати алоқаи барқӣ ба буҷети давлатӣ ворид шуд.

Номбурда, ҳамзамон, гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи муштариёни умумии алоқаи мобилӣ наздик ба 8,3 миллион ададро ташкил медиҳанд, ки аз он ҷумла 5,6 миллион адад муштариёни фаъол мебошанд. Шумораи истифодабарандагони интернет якҷоя бо истифодабарандагони интернети мобилӣ ва собит 4,5 миллион муштариро дар бар гирифтааст.

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ аз тарафи ҶСК «Тоҷиктелеком» ба маблағи 77 миллиону 540,7 ҳазор сомонӣ хизмат расонида шуд, ки иҷрои нақшаи пешбинишуда 101,8 фоизро ташкил медиҳад.

Аз натиҷаҳои фаъолияти иқтисодӣ ва молиявии КВД «Почтаи тоҷик» пешакӣ дар нимсолаи аввали соли 2023 даромади умумии соҳа ба андозаи 4 миллиону 512 ҳазор сомонӣ хизмат расонида шуд, ки нисбат ба соли гузашта ба 170 ҳазору 640 сомонӣ зиёд мебошад. КВД «Почтаи тоҷик» бо 12 давлати дуру наздик шартномаи ҳамкорӣ оид ба интиқоли маблағҳои ирсолпулиҳоро ба имзо расонидааст.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ,**
**«Садои мардум»**

## ИМЗОИ 28 СОЗИШНОМАИ АВИАТСИЯИ ГРАЖДАНӢ

**- Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2023 бо мақсади густариш додани ҳамкориҳои дуҷониба, ҳамкориҳо бо мақомоти авиатсионии хориҷи кишвар, васеъ намудани ҷуғрофияи парвозҳо, афзоиш додани хатсайрҳои байналмилалӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияташро ба роҳ монда, дар ин самт корҳои зиёдро ба анҷом расонид, - иброз намуд директори Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилшод Сафарзода зимни нишасти матбуотие, ки 28-уми июли соли 2023 баргузор гардид.**



Аз ҷумла, дар ин давра бо мақсади васеъ намудани ҷуғрофияи парвозҳо, ҷалби сармоя ба соҳа, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонӣ бо намояндагони ширкати ҳавопаймоии «AZAL»-и Озарбойҷон, Бонки ҷаҳонӣ, ширкати «Cosmelt»- и Амороти Муттаҳидаи Араб, ширкати «Thales»- и Франсия, ширкати «Вея Инвест»-и Федератсияи Россия, ширкати ҳавопаймоии «Georgian Airways», Маъмурияти авиатсионии Британияи Кабир, ширкати «Kayan Group Company»- и Арабистони Саудӣ, корпоратсияи чинии «POWER International Group» ва сафири Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯриҳои судманд баргузор гардид.

Дар доираи ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар самти авиатсияи граждании, бо 28 кишвар созишномаҳо оид ба алоқаи ҳавоӣ ба имзо расонида шудааст, ки аз онҳо 9 кишвари ИДМ (Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Беларус, Украина, Озарбойҷон, Туркманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Арманистон ва Ӯзбекистон) 7 кишвари Аврупо (Франсия, Люксембург, Олмон, Австрия, Чехия, Латвия ва Туркия) ва 12 кишвари Осиё (Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Хитой, Покистон, Таиланд, Арабистони Саудӣ, Баҳрайн, Қатар, Кувайт, Ҷумҳурии Корея ва Салтанати Уммон) мебошанд.

8-уми майи соли равон Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб оид ба алоқаи ҳавоӣ ва Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб дар шаҳри Дубай ба имзо расонида шуданд.

Аз ҷумла гуфта шуд, ки ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр» дар нимсолаи аввали соли равон тавассути хатсайрҳои байналмилалӣ ва маҳаллӣ 360 ҳазор нафар мусофир интиқол дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 180 нафар зиёд мебошад. Аз ҷониби агентӣ, тибқи тартиби муқарраргардида, ҷадвали парвозҳои ширкатҳои ҳавопаймоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 35 самт ва 11 кишвари хориҷӣ, ки дар асоси таъинот мунтазам парвозҳоро ба фурудгоҳҳои байналмилалии Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб иҷро менамоянд, дар нимсолаи аввали соли 2023 бо 260 парвоз дар як ҳафта тасдиқ шуд.

**Фархунда АБДУЛҲАКИМОВА,**
**«Садои мардум»**

## «ПАЁМИ СИНО» БА «СКОПУС» ВОРИД ГАРДИД



**Ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино Маҳмадшо Гулзода дар нишасти матбуотӣ, ки 28-уми июли соли 2023 доир гардид, ба кормандони воситаҳои ахбори омма хабари хуш расонид.**

Ӯ изҳор дошт, ки маҷаллаи илмӣ - амалии «Паёми Сино»-и донишгоҳ дар минтақа аввалин маҷаллаи илмӣ- амалӣ дар соҳаи тиб мебошад, ки 28-уми июни соли 2023 ба «Скопус» (Scopus)- Пойгоҳи ҷаҳонии маълумоти библиографии адабиёти илмии тақризшаванда ворид гардид, ки аз сатҳи баланди мақолаҳои дар маҷалла нашршаванда шаҳодат медиҳад.

Соли 2023 донишгоҳро 2075 нафар, аз ҷумла 436 нафар донишҷӯи хориҷӣ аз 11 кишвари ҷаҳон хатм намуданд. Таваҷҷуҳи устодону донишҷӯёни донишгоҳ сол ба сол ба тадқиқи самтҳои гуногуни илми тиб бештар гардида, теъдоди тадқиқотчиёну пажӯҳишгарон меафзояд. Баргузории «Ҳафтаи илм» ва «Форуми олимони ҷавон», озмунҳои ҷамъиятҳои илмии донишҷӯён, Олимпиадаи байналмилалии «Авитсенна-23», Озмуни байни донишҷӯён ва олимони ҷавон «Инноватсия - 23» ва монанд ба ин озмуну конференсияҳо далели ин мебошанд.

Тарбияи ҳуқуқӣ бахши муҳими пешбурди корҳои тарбиявӣ дар донишгоҳ ба ҳисоб рафта, дар нимсолаи якуми соли 2023 бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ дар донишгоҳ якҷо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ машварат - вохӯриҳо гузаронида шуданд.

Ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳои клиникии донишгоҳ дар нимсолаи якуми соли равон ба 26372 бемор кумаки табобатию машваратӣ расониданд. Тӯли ин муддат дар назди Маркази таҳсилоти баъдидипломии муассиса 358 нафар шунаванда курсҳои такмили ихтисоси педагогӣ, давраҳои такмили ихтисоси тахассусӣ ва курсҳои бозомӯзии касбиро гузаштанд.

**Абдумаҷид МУРОДОВ,**
**«Садои мардум»**

## АҲЛИДДИН ИБОДУЛЛОЗОДА: «ДОНИШГОҲ САЗОВОРИ ҶОИ АВВАЛ ГАШТ»

**27-уми июли соли равон ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода дар нишасти матбуотӣ аз натиҷаи фаъолияти шашмоҳаи аввали соли равони донишгоҳ ба рӯзноманигорон маълумот дод.**

Ӯ таъкид кард, ки бори аввал дар соли 2023 донишгоҳ миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи фанҳои дақиқ дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ сазовори ҷои аввал дониста шуда, бо ишғоли панҷ ҷои ифтихорӣ нисбат ба дигар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар дар Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» беҳтарин муаррифӣ гардид.

Дар доираи корҳои тарбиявӣ дар давраи мавриди назар ба 61 нафар донишҷӯи ятими кул ва маъюби гурӯҳи якум аз тарафи раёсати донишгоҳ илова ба стипендия дар ҳаҷми 100 сомонӣ маблағ дода шуд.



Аҳлиддин Ибодуллозода, ҳамчунин, афзуд, ки донишгоҳ бо 93 муассисаи таҳсилоти олӣ ва касбии хориҷи мамлакат ҳамкорӣ дорад. Илова бар ин, дар соли 2023 бо 16 донишгоҳи олии хориҷи мамлакат ҳамкориҳо дар самти илм, инноватсия ва таълим, табодули донишҷӯёну омӯзгоронро ба роҳ монд.

Дар самти табодули таҳсили донишҷӯён ва магистрантону аспирантон ин муддат ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Бошқирдистон 16 магистр ва 2 аспирант, Донишгоҳи давлатии Марин 1 нафар магистр, Донишкадаи Елабугаи Донишгоҳи Қазон 1 аспирант барои идомаи таҳсил фиристода шуданд.

Ректори донишгоҳ таъкид намуд, ки дар доираи табодули академии омӯзгорон барои омӯзиши таҷрибаи донишгоҳҳои Беларус 15 нафар устодону кормандон дар ду давра сафарбар гардиданд. Дар ҳамин давра 16 нафар омӯзгори донишгоҳ барои иштирок ва баромад дар конференсияҳои байналмилалӣ, симпозиум ва машварату вохӯриҳо ба хориҷи мамлакат ба сафари хидматӣ рафтанд.

Дар шашмоҳаи аввали соли равон хобгоҳҳои донишҷӯён, омӯзгорон, синфхонаҳои таълимии факултетҳо пурра аз таъмир бароварда шуд.

**ВОРИС, «Садои мардум»**

## СИЮ ЧОР БАРНОМАИ ТАҲСИЛ ТАҶДИДИ НАЗАР ШУД



**Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Хайрулло Назарзода зимни нишасти матбуотӣ, ки 31-уми июли соли ҷорӣ баргузор шуд, яке аз омилҳои беҳтар намудани раванди таълиму тарбия ва баланд бардоштани сифати онро мавҷуд будани заминаи моддию техникии муосир унвон намуд, ки бевосита ба омодасозии мутахассисони баландихтисос мусоидат менамояд.**

ДДТТ дорои Донишкадаи иқтисод ва савдо дар шаҳри Хуҷанд, литсей, се бинои хобгоҳ барои омӯзгорону кормандон ва донишҷӯён барои 670 нафар, як толори варзишӣ, ду майдончаи варзишӣ, се факултети омӯзиши рӯзона, шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ, 12 кафедраи тахассусӣ ва панҷ кафедраи умумидонишгоҳӣ мебошад.

Донишгоҳ яке аз муассисаҳои таълимии соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки мутахассисонро аз рӯи равияи иқтисодӣ омода мекунад. Фаъолияти таълимӣ самти асосии фаъолияти оинномавии донишгоҳ ба ҳисоб рафта, ба тарзи ташкил ва баланд бардоштани сифати таълим аҳамияти махсус дода мешавад. Дар муассиса 34 барномаи таҳсилотӣ ва нақшаи таълим тибқи стандарти давлатии таҳсилот таҷдиди назар шуда, баъди тасдиқ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди таълим дар асоси онҳо роҳандозӣ гардидааст.

Баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим буда, дар ин давра 40 нафар омӯзгори донишгоҳ аз курсҳои такмили ихтисоси Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар гузаштанд.

- Мо ҳоло ба соли нави хониш омодагӣ мебинем. Таъмири биноҳои таълимӣ, синфхонаҳо ва ҳуҷраҳои корӣ анҷом ёфт. Системаи гармидиҳӣ ба ҳама биноҳои донишгоҳ ва хобгоҳи донишҷӯён гузаронида шуд, - иброз дошт ректор Хайрулло Назарзода.

**А. МУРОДОВ,**
**«Садои мардум»**

## ДЕҲҚОНӢ ҲАМ ИЛМ АСТ

**Дар нишасти матбуотие, ки 29-уми июли соли ҷорӣ дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур баргузор гардид, ректори он Усмон Маҳмадёрзода дар ҳузури омӯзгорону мутахассисони донишгоҳ ва намояндагони воситаҳои ахбори омма баромад намуда, онҳоро бо бурду бохти муассиса дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ошно сохт.**



- Дар фаъолияти донишгоҳ шиори «илму амал» нақши хеле муҳим мебозад. Деҳқонӣ на танҳо амал, балки илм аст. Аз ин рӯ, роҳбарияти донишгоҳ ба ҳар ду омил дар фаъолияташ аҳамияти зарурӣ медиҳад,- зикр кард номбурда.

Дар 51 кафедра (40 кафедраи тахассусӣ ва 11 кафедраи умумидонишгоҳӣ) тайёр намудани мутахассисон ҷараён дорад, ки дар онҳо 381 нафар омӯзгор, аз ҷумла, 6 нафар академик ва 8 нафар узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, 47 доктори илм, 55 профессор ва 144 нафар номзади илм ба кори таълиму тарбия ҷалб шудаанд.

Бояд зикр кард, ки бе мавҷуд будани замина ва шароити хуби кору таҳсил сифату самаранокии таълимро интизор шудан мумкин нест. Аз ин лиҳоз, пойгоҳи моддӣ – техникии донишгоҳ бо назарддошти гузаронидани машғулиятҳои назариявӣ, амалӣ, лабораторӣ ва илмию таткиқотии донишҷӯёну магистрон, докторантону унвонҷӯ дар 13 бинои таълимӣ, 220 синфхона, 72 озмоишгоҳ, 15 озмоишгоҳи илмӣ – таълимӣ бо 6200 ҷои нишаст дар як бахш, 13 маркази компютерӣ, 3 маркази интернетӣ ва як китобхонаи электронӣ, 2 хоҷагии таълимӣ – таҷрибавиро тибқи талаботи замони муосир дар худ ҷой додааст.

Дар даъвати навбатӣ 146 нафар хатмкунандагон ихтиёран ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар пайвастанд. 11 нафар рисолаҳои номзадӣ, 2 нафар рисолаи докторӣ ва 2 нафари дигар доктори фалсафа (PhD)-ро дифоъ намуданд. Заминаи моддию техникии парки технологиро 4 гармхонаи гулпарварӣ, 2 гармхонаи лимӯпарварӣ, 4 ҳавзи моҳипарварӣ ва хоҷагии КВТТ «Ҳисор» ташкил медиҳад. Ҳамчунин, дар ҳамкорӣ бо ташкилоти «ТИКА»-и Туркия ва «Ассотсиатсияи дӯстии байни Ҷумҳурии Корея ва кишварҳои Осиёи Миёна» дар донишгоҳ 3 гармхонаи замонавӣ ба истифода дода шуд.

Донишгоҳ бо 112 донишгоҳу донишкадаи 14 давлат ва 26 барномаи ташкилоти хориҷӣ ҳамкорӣ дошта, дар доираи барномаҳои «Еразмус» лоиҳаи «Таҳкими таҳсилоти олӣ дар бахши об барои муқовимат ба иқлим ва амният дар Осиёи Марказӣ (HWCA)» сазовори грант гардид.

**Мирзо РУСТАМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

**Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 416941 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №117-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 06.08.2023 16:45:00 |
| 2 | 416942 | Муассисаи давлатии «Маркази мубориза бар зидди бемории сил»-и вилояти Суғд | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 100 | 17.08.2023 15:15:15 |
| 3 | 416943 | Беморхонаи ноҳиявии №5-и Ҷамоати деҳоти Исфисори ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Реактив, реагент ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 18.08.2023 08:37:37 |
| 4 | 416944 | Беморхонаи марказии шаҳри Ваҳдат | Васлу насби трансформатори 400/10/04 дар беморхонаи минтақавии №3-и Ҷамоати деҳоти Гулистони шаҳри Ваҳдат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 18.08.2023 10:00:00 |
| 5 | 416947 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ» | Корҳои таъмирию сохтмонӣ дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.08.2023 10:35:00 |
| 6 | 416946 | Бонки миллии Тоҷикистон | Маводи шустушӯӣ ва либоси махсус барои кормандони ошхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 58 | 18.08.2023 11:30:00 |
| 7 | 416949 | Маркази таъминоти бехатарии озуқаворӣ дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | Сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 18.08.2023 14:20:00 |
| 8 | 416948 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётӣ барои автомашинаҳои боркаш | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 18.08.2023 14:30:00 |
| 9 | 416950 | Муассисаи давлатии таълимӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хуҷанд | Таъмири синфхонаҳои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.08.2023 14:56:56 |
| 10 | 416951 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ» дар шаҳри Хуҷанд | Гузаронидани системаи гармидиҳӣ дар муассиса (ивази деги гармидиҳӣ, насос ва зарфҳои васеъкунӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.08.2023 14:56:56 |
| 11 | 416952 | Муассисаи давлатии таълимии «Гимназияи №1 ба номи Раҳим Ҷалил» дар шаҳри Хуҷанд | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 18.08.2023 14:56:56 |
| 12 | 416953 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказии шаҳрӣ»-и шаҳри Гулистон | Мебел, молҳои тиббӣ, техникаи маишӣ ва офисӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 14 | 18.08.2023 14:56:56 |
| 13 | 416954 | Беморхонаи марказии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 67 | 18.08.2023 14:56:56 |
| 14 | 416986 | Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон» | Корҳои таъмирию сохтмонии бинои нави донишгоҳ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.08.2023 15:35:00 |
| 15 | 416987 | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | Таъмири намои бинои академия ва намои бинои Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии академия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.08.2023 16:00:00 |
| 16 | 416984 | Муассисаи нашриявии «Ирфон» | Чопи китоби Абубакр Рабеъ ибни Аҳмад-ал-Бухороӣ «Ҳидоят-ул-мутааллимин фи-т-тиб», бо забони тоҷикӣ, андоза 60x84, 1/8. коғази дохил - офсетӣ - 70 гр, коғази форзатс - 120 гр, картон - 1,75 мм, китоб бо каптал ва дока часпонда шавад, ранги дохили китоб 1+1, муқова №5 бо глянс-ранга. Теъдод 5000 – нусха | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 21.08.2023 15:10:00 |
| 17 | 416983 | Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббию санитарӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Яхдон, кондитсионер, молҳои техникӣ, камераҳои назоратӣ дар маҷмӯъ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 21.08.2023 15:25:58 |
| 18 | 416988 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётӣ барои лифт, молҳои хоҷагидорӣ, барқӣ ва сантехникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 53 | 21.08.2023 16:10:21 |
| 19 | 416989 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони дидбонгоҳи сарҳадии Понғози Ҷамоати деҳоти Понғози ноҳияи Ашт (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.08.2023 17:10:10 |
| 20 | 416990 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои таълимӣ дар назди МТМУ №3-и ноҳияи Зафаробод (идомаи корҳои сохтмонии бинои ошхона) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.08.2023 17:10:10 |
| 21 | 416991 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии роҳҳои ҳудуд ва атрофи дидбонгоҳи сарҳадӣ дар деҳаи Чордеҳ (Чорқишлоқ)-и Ҷамоати деҳоти Зумради шаҳри Исфара (гузоштани фарши асфалту бетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 4240 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.08.2023 17:10:10 |
| 22 | 416992 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии роҳҳои ҳудуд ва атрофи дидбонгоҳи сарҳадии Боғистон дар Ҷамоати деҳоти Чилгазии шаҳри Исфара (гузоштани фарши асфалту бетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат: 3650 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.08.2023 17:10:10 |
| 23 | 416993 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии роҳҳои ҳудуд ва атрофи дидбонгоҳи сарҳадии №2-юми Чоркӯҳ дар Ҷамоати деҳоти Чоркӯҳи шаҳри Исфара (гузоштани фарши асфалту бетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 3800 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.08.2023 17:10:10 |
| 24 | 416994 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии қитъаҳои алоҳидаи роҳи автомобилгард, аз километри 32-юми роҳи автомобилгарди Айнӣ - Панҷакент ба маркази Ҷамоати деҳоти Урметан ва мумфаршкунии ҳудуди Хонаи фарҳанг дар Ҷамоати деҳоти Урметани ноҳияи Айнӣ (гузоштани фарши асфалту бетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 1834 $м^2$, таъмири чуқурчаҳо ғафсиаш то 5 см, масоҳат - 70 $м^2$ ва гузоштани фарши асфалту бетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 1322 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.08.2023 17:10:10 |
| 25 | 416995 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии ҳудуди беморхонаи минтақавӣ ва мумфаршкунии роҳҳои ҳудуди МТМУ №2 ба номи Қутбӣ Киром дар Ҷамоати деҳоти Урметани ноҳияи Айнӣ (гузоштани фарши асфалту бетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 1417 $м^2$ ва гузоштани фарши асфалту бетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 2023 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.08.2023 17:10:10 |
| 26 | 416996 | Муассисаи таълимии «Коллеҷи тиббӣ»-и шаҳри Хуҷанд | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 21.08.2023 17:10:10 |
| 27 | 416997 | Корхонаи воҳиди давлатии коммуналии «Меҳмонхонаи Суғдиён»-и шаҳри Хуҷанд | Инвентари варзишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 21.08.2023 17:10:10 |
| 28 | 416998 | Мақомоти муассисаҳои сохташавандаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Васлу насби дару тирезаҳои пластикӣ дар бинои иловагии МТМУ №72-и Ҷамоати деҳоти Чашмасори ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (ҳаҷми дарҳо - 17,5 $м^2$. ҳаҷми тирезаҳо - 88 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.08.2023 17:10:10 |
| 29 | 416999 | Мақомоти муассисаҳои сохташавандаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Истеҳсол ва насби лавҳаҳо аз конструксияҳои оҳанин дар даромадгоҳи Ҷамоати деҳоти Ғозиён ва ба номи Д. Холматов (16,032 тонна), навиштаҷот, маълумоти нишондиҳанда ва корҳои ободонӣ дар ҳудуди ноҳия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.08.2023 17:10:10 |
| 30 | 417000 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Хуҷанд | Таъмири бинои филиали муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.08.2023 17:10:10 |
| 31 | 417001 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии кӯчаи Хуҷандӣ дар шаҳри Хуҷанд (гузоштани фарши асфалту бетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 2380 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.08.2023 17:10:10 |
| 32 | 417002 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои таълимӣ дар назди МТМУ №3-юми ноҳияи Зафаробод (идомаи корҳои сохтмонии майдончаи варзишӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.08.2023 17:10:10 |
| 33 | 417004 | Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Суғд | Техникаи маишӣ ва офисӣ, молҳои канселярӣ, телефони мобилӣ, инвентари нарм, гулҳо, флешка-хотира, медал ва диплом | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 27 | 21.08.2023 17:17:17 |
| 34 | 417005 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии алоқа»-и шаҳри Душанбе | Молҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ, масолеҳи сарфшаванда, гулҳои мавсимӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 23 | 21.08.2023 17:50:00 |
| 35 | 417007 | Муассисаи давлатии «Боғи Ғалаба» | Либоси махсуси корӣ, пойафзол, молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 21.08.2023 18:05:00 |
| 36 | 417008 | Бахши фарҳанги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 21.08.2023 19:40:00 |
| 37 | 417009 | Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Ҳисор | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 33 | 22.08.2023 10:00:00 |
| 38 | 417011 | Мактаб - интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор | Ангишт ва ҳезум | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 22.08.2023 10:00:00 |
| 39 | 417012 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Пояи оҳану бетонии намуди СВ-10,5 м | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 22.08.2023 10:30:00 |
| 40 | 417013 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Пояи оҳану бетонии намуди СВ-9,5 м | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 22.08.2023 10:50:00 |
| 41 | 417010 | Мактаб - интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 55 | 22.08.2023 11:00:00 |
| 42 | 416985 | Муассисаи давлатии «Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон» | Таъмири ҷории синфхонаҳои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.08.2023 11:15:00 |
| 43 | 416834 | Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасон»-и шаҳри Душанбе | Таҷҳизоти идоравӣ, кондитсионер ва стабилизатори шиддат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 22.08.2023 11:30:00 |
| 44 | 417014 | Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | Роҳаткурсии идоравӣ, маводи масрафӣ, техникаи маишӣ ва коғази идоравӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 22.08.2023 11:50:13 |
| 45 | 417018 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | Пояҳои парчам, парчамҳои гуногун, баннер, дарозкунаки барқӣ, портрет ва гирляндҳои равшанидиҳанда | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 22.08.2023 13:30:00 |
| 46 | 417019 | Муассисаи давлатии «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ»-и шаҳри Хуҷанд | Чопи китоб барои эҳтиёҷоти муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 2 | 22.08.2023 13:35:00 |
| 47 | 417020 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи № 2 барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.08.2023 13:50:00 |
| 48 | 417015 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Ноқили навъи А-50 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 22.08.2023 14:00:00 |
| 49 | 417016 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Ноқили баландшиддати 10 кВ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 22.08.2023 14:00:00 |
| 50 | 417021 | Муассисаи давлатии телевизиони «Синамо» | Маводи канселярӣ ва хоҷагидорӣ, қисмҳои эҳтиётии компютер, аксесуар барои идора кардани видеокамера ва мониторҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 59 | 22.08.2023 14:10:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 91/2, хонаи 20 ба Мангетова Гулчеҳра додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 91/2, хонаи 20 ба Мангетова Гулчеҳра додааст, эътибор надорад.

✓Иқтибоси гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор соли 2001 ба ҶДММ «Конезавод» додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ № 1060868-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №47-и ноҳияи Қубодиён соли 2022 ба Жалолзода Сайҷони Абдужабор додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи силсилаи НТ-I №097851-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) соли 1990 ба Аёмбекова Латофат Қирғизбековна додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати силсилаи Т-АТА № 0566342-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №70-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2017 ба Охунов Олимҷон Хайруллоевич додааст, эътибор надорад.

✓Манзилномаи (ордери) №328-и гумшуда, ки онро Кумитаи иҷроияи Шӯрои вакилони халқи шаҳри Душанбе 3-юми апрели соли 1995 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Шерозӣ, бинои 39/2, хонаи 60 ба Плаксеева Надежда Ивановна додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати №299124-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №66-и ноҳияи Ленин (ҳоло МТМУ №73-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе) соли 1973 ба Шоҳимардонова Зайнаб додааст, эътибор надорад.

✓Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замин, дараҷаи А №0419653, таҳти қарори №62, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Қубодиён 12-уми июни соли 2007 ба сокини деҳаи М. Турсунзодаи Ҷамоати деҳоти 20-солагии Истиқлол Ҳасанов Азамат додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ, таҳти феҳрасти 8Ш-1045, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 4-уми августи соли 2015 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 35, хонаи 18 ба ҶДММ «Тоҷиккуҳкан» додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0213449-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шаҳристон 30-юми марти соли 2013 ба ҶДММ «Мавзеи шодмон» (РЯМ 6510001245) додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 265/2, хонаи 6 ба Ҳасанова Нозигул Сангалиевна додааст, эътибор надорад.

✓Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А № 020143-и таҳти қарори №286, ки бо қарори Комиҷроияи ноҳияи Ленин (ҳоло ноҳияи Рӯдакӣ) 28-уми ноябри соли 1994 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки ба номи М. Турсунзода, деҳаи Ҳочиён, ба Абдуҷабборов Раҳмонҷон дода шудааст, эътибор надорад.

✓Маълумотномаи қайди баҳисобгирии ҷамоаи динии №00898-и гумшуда, ки онро Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 декабри соли 2009 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Шайнак ба масҷиди панҷвақта додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати силсилаи Т-АТУ № 0942827-и гумшуда, ки онро Литсейи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2021 ба Назаров Беҳруз Умеджонович додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи давлатии нотариалии 2-юми шаҳри Душанбе 11-уми майи соли 1979 таҳти феҳрасти №6Д - 163 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи 40-солагии Октябр, хонаи 150, ба Саттаров Раҳим додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳилолӣ, хонаи 50 ба Мусоев Тоҷиддин Муҳидинович додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматии гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳилолӣ, хонаи 50 ба Мусоев Тоҷиддин Муҳидинович додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД - 1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳилолӣ, хонаи 50 ба Мусоев Тоҷиддин Муҳидинович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 24-уми декабри соли 2020 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи 17-уми кӯчаи Ҷавонон, хонаи 5 ба Шафиев Муҳаммад Муҳтоҷилоевич додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶДММ «Муҳриддин» (РМА 040039980), ки соли 2013 дар Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓Ташкилоти ҷамъиятии Федератсияи муқовимати кулл ва касбии ҷанги дастии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои Шаҳодатномаи №1442 буда, дар Раёсати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 3-юми феврали соли 2012 ва дар Нозироти андози шаҳри Хуҷанд моҳи феврали соли 2012 (РЯМ №510028345) ба қайд гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓Ташкилоти ҷамъиятии «Фонди рушди футболи Тоҷикистон» (РМА 010093525), ки 1-уми октябри соли 2013 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зери силсилаи ИҶ №1563 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводҳое низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 2 августи соли 2023, соати 14:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34505 нусха*

Навбатдори шумора Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97